**Тақриз**

**ба автореферати Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Аз солҳои 50-уми садаи бист сар карда то ба имрӯз таҳлилу баррасии аспектҳои гуногуни забон аз нигоҳи муқоиса ба ҳукми анъана даромадааст. Ин равиши таҳлил, алалхусус, пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ боз ҳам ривоҷ ёфта, сабаби рӯйи коғаз омадани як зумра мақолаву монографияҳои илмӣ гардиданд. Бо роҳи муқоиса дарёфт намудани монандиву умумият ва тафовути ду забони гуногуннизому гуногунсохтор кори осон набуда, аз муҳаққиқон тақозо мекунад, ки сохтори забонҳои таҳқиқшаванда пурра бархурдор бошанд.

Омӯзиши ин ё он анвои ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии англис кайҳо боз мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам, омӯзиши ин воҳидҳои наҳв дар забони тоҷикӣ ба солҳои 40-уму 50-уми қарни бист рост меояд. Дар таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо анвои гуногуни ҷумлаҳои пайрави ҳол нақши забоншиносони тоҷик Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, Х. Ҳусейнов, М. Қосимова, Ф. Зикриёев, Р. Асозода, Д. Хоҷаев ва дигарон бағоят калон буда, эшон хусусиятҳои сохториву маънoии ҳар яки ин ҷумлаҳоро бар мабнои осори бадеӣ мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор додаанд.

Мавзуе, ки диссертант ба пажуҳиши он рӯ овардааст, хеле мубрам буда, дар он танҳо хусусиятҳои типологии ҷумлаҳои пайрави ҳол бар мабнои як асари илмӣ - "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ таҳлилу баррасӣ мешавад. Дар муқоиса бо дигар анвои ҷумлаҳои пайрав, ҷумлаи пайрави ҳол аз нигоҳи сохтору маънӣ тафовути калон дорад.

Рисола «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» номгузорӣ шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Ҳамин тариқ, ҳар як боби рисола бо хулосаҳо ва натиҷагириҳои мушаххаси диссертант ба охир расидаанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаммоҳои дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ орӣ нест.

Рисолаи илмии Давлатов Назримад Муродзода дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф диссертатсия мӯҳтавои рисоларо инъикос менамояд. Диссертатсияи мазкур барои хондани курси «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ»,

«Синтаксиси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавонад ба гунаи неку мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муаллиф дар рисола иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро баён менамуд хуб мешуд.

2. Дар бисёр саҳифаҳои кор андешаву назари муаллиф такрор омадаанд (саҳ. 17, 45, 65, 83…..).

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои ҷойдошта ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ баратарф хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Ҳусейнова Г. А.

<u>**Суроға:**</u> 734003, шаҳри Душанбе.
Тел: (+992) 918730958
<u>**Суроғаи электронӣ:** gulpari786@mail.ru</u>

Имзои Г.А. Ҳусейноваро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У. А.
«20» майи соли 2023

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Ноҳияи Сино, к. Нахимов 16/14 E-mail: tgfeu. tj